Ҳар кас як рӯз дар роҳи Аллоҳ рӯза бигирад, Аллоҳ Таъоло рӯйи ӯро ба андозаи масофаи ҳафтод тирамоҳ аз оташи дӯзах дур мегардонад

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегуфт: "Ҳар кас як рӯз дар роҳи Аллоҳ рӯза бигирад, Аллоҳ Таъоло рӯйи ӯро ба андозаи масофаи ҳафтод тирамоҳ аз оташи дӯзах дур мегардонад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки ҳар касе ба ихлос ва аз рӯйи савоб ва подош як рӯз дар роҳи Аллоҳ рӯза бигирад, - дар ҷиҳод ва ғайри он низ гуфта шудааст - Худованд бо фазлу раҳмати Худ ӯро ба масофаи ҳафтод сол аз оташи дӯзах дур мегардонад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4436